«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор Сафармамадзода С.М.________________
«_23_» ______02______соли 2026

**Суратмаҷлиси №7**
**ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 18.02.2026с. ш. Душанбе

**Раис: д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ.**

**Котиб: Азизов С.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., н.и.ҳ., ассистент Ализода С.О., н.и.ҳ., ассистент Холиқов Н.А., н.и.ҳ., ассистент Исозода П.А., н.и.ҳ., ассистент Сафарализода Д.С., муаллимони калон Исматова М.Ҳ., Холиқова О.А., Аҳадзода А.А., ассистентон Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э., Муминзода М.Н., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С. ва лаборанти кафедра Азизов С.С.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**8.3. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.

**Шунида шуд:** Унвонҷӯ Муминзода Маҳмадшариф Нозим вобаста ба мубрамияти мавзуъ баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии

худ маълумот дода, иброз намуд, ки айни замон механизмҳои таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар дар таҳаввулот қарор дорад. Тамоюли ҷаҳонии қатъи даъвати ҳарбӣ дар замони осоишта, ки бо тағйироти ҷомеаи муосир алоқаманд аст, мушкилоти демографӣ ва афзоиши зарари иқтисодӣ аз даъвати шаҳрвандони соҳибихтисос дар кишварҳои пешрафта, таҳкими аҳаммияти арзишҳои умумиинсонӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, маҳкум намудани милитаризм ва таҷовуз, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилоти сиёсии истифодаи даъватшавандагон дар муноқишаҳои ҳарбӣ, қувваҳои мусаллаҳ (мушкилоти техникаи ҳарбӣ ва ихтисосҳои ҳарбӣ) ва хусусияти муноқишаҳои ҳарбӣ дастгирии дахлдори ҳуқуқӣ ва асоснокии консептуалиро талаб мекунад. Айни замон ба таври худсохт нусхабардории баъзе таҷрибаҳои «универсалӣ» ва таҷрибаи хориҷӣ бе мутобиқат ва асосноккунии дуруст ғайримантиқӣ мебошад, зеро танзими он ба анъанаҳои таърихӣ асос ёфта, созгорӣ ва ихтилофи он ба урфу одатҳои миллӣ ба назар мерасад.

Падидаи уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи ислоҳоти тадриҷӣ ва мунтазамро аз сар мегузаронад. Ин, пеш аз ҳама, дар тағйир додани шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Навовариҳои аз ҳама намоён ва бунёдӣ дар ин самт ҷорӣ намудани хизмати алтернативии шаҳрвандӣ (сафарбаркунӣ) буда, ҳамзамон, ҷалби шахсони дорои маълумоти олиро дар бар мегирад. Ин тағйирот дар тартиби адои хизмати ҳарбӣ, дар навбати худ, ба қоидаҳои тартиби бақайдгирии ҳарбӣ ва тартиби даъвати ҳарбӣ таъсир расонида, ифодагари он аст, ки давлат пайваста кӯшиш менамояд, то шаклҳои нави иҷрои уҳдадории ҳарбиро инкишоф дода, самаранокии шаклҳои мавҷударо беҳтар намояд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва илми ҳуқуқи конститутсионӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М. ва н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф. саволҳо дода шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ – Муминзода Маҳмадшариф Нозим ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Муминзода Маҳмадшариф Нозим суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. ва н.и.ҳ., ассистент Ализода С.О. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Муминзода Маҳмадшариф Нозим муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 16 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳои амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 18-уми февралии соли 2026. №7 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Миралризода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.

Имзои Миралризода И.Қ. ва Азизов С. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«18» 02 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj